**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023с.).**

Диссертатсияи Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович ба яке аз мавзуъҳои мубрамми илми ҳуқуқи коснтитутсионии ватанӣ - «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» бахшида шудааст. Аз таҳлили автореферати диссертатсияи мазкур муайян гардид, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Омӯзиши падидаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мубрамми ҳуқуқи конститутсионӣ ба ҳисоб меравад. Муҳимтарин шарти рушди муносиби ҷомеа ва давлат ин устувории қонуни асосии кишвар Конститутсия ба ҳисоб меравад. Конститутсия бояд дар асл қатъӣ ва тағйирнопазир бошад. Таҳқиқоти мазкур авалин тадқиқоти ватание мебошад, ки ба амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ бахшида шудааст.

Дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷониба муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки ба мафҳумҳои амниятӣ аз нигоҳи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ баҳо диҳад ва таърифҳои муаллифии мафҳумҳоро пешниҳод намояд. Хулоса ва

пешниҳодҳо инчунин ба такмил додани механизми танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ бахшида шудааст.

Масъалаи таҳқиқшаванда як қатор саволҳоро ҷамъ менамояд, ки ҷавобҳои назариявӣ ва ҳалли амалиро низ талаб мекунанд. Аз як тараф, сухан дар бораи навсозӣ ва такмили қонунгузории миллӣ меравад, ки дар он институти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ танзим ва таъмини амнияти миллӣ, ташаккули дастгоҳи консептуалии он, нақш ва механизми амалисозии он дар шароити ҳуқуқи муосири тоҷик ташаккул меёбад.

Воқеан ҳам, мушкилоти таъмини амнияти миллӣ дар қонунгузории кишвари мо бисёрҷанба мебошад. Таваҷҷуҳ аз ҳама бештар ба соҳаҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҳаёти давлат дода мешавад, ки он ба соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятию сиёсии давлат ва ҷомеа тақсим шуда, танҳо дар ҷодаи сиёсатшиносӣ асоснок карда мешавад. Масъалаи баррасишаванда дар заминаи асосҳои бунёдии ҳуқуқӣ ташаккул ёфтааст, ки дар он меъёрҳои Конститутсияи амаликунандаи кишвар аҳаммияти аввалиндараҷа доранд, комилан дуруст аст. Умуман, аз нуқтаи назари доктринаи миллии ҳуқуқӣ ва падидаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар ин раванд ҳуқуқ мавқеи асосиро ишғол карда, шохаи ҳуқуқӣ-конститутсионии муносибатҳои ҷамъиятиро аз призмаи танзими қонунгузорию ҳуқуқии худ баррасӣ мекунад.

Дар диссертатсия мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ баён гардидаанд, ки аслан дар он муҳтавои диссертатсия инъикос ёфтаанд ва ба тафаккури назариявӣ-амалии танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии масъалаҳои амниятӣ дар ниҳоди институтсионалии онҳо равона карда шудаанд. Муаллиф ба он назар аст, ки маҳз ниҳодҳои институтсионалӣ ба ин падидаи ҳуқуқӣ мустақилият дода, онро бо дастгоҳи категориявии худ, бо хусусияти хоси он ва методикаи таъсири ҳуқуқӣ таъмин карда метавонад. Дар маҷмуъ, ин хусусиятҳо дар ҳалли соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири муассир хоҳанд гузошт.

Инчунин муаллиф қайд намудааст, ки объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ ба вуҷуд меоянд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмуъ аз омилҳое асос ёфтааст, ки таҳдидҳои амнияти миллиро фаро гирифтааст; заминаи ҳуқуқӣ, ташкилӣ, принсипҳои ташаккул, сохтор ва фаъолияти институти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва механизми таъмини амнияти миллӣ фароҳам оварда шудааст; вазъияти дастовардҳои илмӣ оид ба масъалаҳои танзими давлатию ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти миллӣ таъмин карда мешавад. Дар ин росто, таҳқиқи анҷомдодаи муаллифи рисола дар ҳалли ин масоили мубрам нақши калон мебозад.

Аз ин нуктаи назар, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович илман асоснок буда, бо далелу асосҳои боварибахши назариявӣ, ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ мустаҳкам шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи автореферат ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст. Дар маҷмуъ, бояд гуфт, ки автореферат мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯйи нуқтаи назари мантиқӣ дуруст таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат мебошад.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллифи таҳқиқот дар диссертатсия оид ба санадҳои банақшагирии стратегӣ вобаста ба масъалаҳои таъмини амниятӣ миллӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамуд.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва

мустаҳкам намудани онро ифода менамояд. Аммо эроди баёншуда хусусияти баҳсталаб дошта, арзиши натиҷаҳои илмию амалии ба дастомадаи таҳқиқотро коста намегардонад.

Бинобар ҳамин, гуфтан ҷоиз аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститусионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, муовини ректор оид ба корҳои илми
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Сангинзод Д.Ш.

**Имзои Сангинзод Д.Ш.-ро тасдиқ менамоям:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсусии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

**Суроғаи муқарриз:** 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Телефон: +992 (37) 224-13-83 e-mail: info@tgpu.tj
«08» 01 2024 сол